Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

№5 (229)
27 майи соли 2025

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

> Футбол дар Тоҷикистон ҳамчун рамзи ваҳдат, ифтихори миллӣ, пешбурди тарзи ҳаёти солим ва омили муҳими муаррифии давлати тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ рӯз ба рӯз рушду инкишоф меёбад.
>
> Эмомалӣ Раҳмон

## ПАЁМИ
## шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон

Ҷавонони саодатманду сарбаланди кишвар!

Соҳибони фардои Ватан!

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонон, ки ҳар сол санаи 23-юми май дар кишвари соҳибистиқлоли мо таҷлил мегардад, самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ ва дар ҷодаи муқаддаси ватансозиву ватандорӣ азму иродаи қавӣ орзу менамоям.

Мо ҷавононро барои расидан ба ҳадафҳои созанда ва ба оянда нигаронидашудаи давлат ва Ҳукумати мамлакат қувваи бузург медонем.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ тамоми имкониятҳои заруриро барои таълиму тарбияи ҷавонон ва ташаккули зеҳниву ҷисмонии онҳо фароҳам овардем ва ин равандро бомаром идома дода истодаем.

Дар робита ба ин, мехоҳам як масъалаи муҳимро таъкид намоям: ҳимояи истиқлолу озодии Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ки аз ҷумлаи нахустин ва бузургтарин ҳадафҳои сиёсии мо мебошад, имрӯз ва дар оянда низ аз фаъолияти ватандӯстонаи ҷавонон вобастагии бевосита дорад.

Бо қаноатмандиву ифтихор иброз медорам, ки ҷавонони бонангу номуси тоҷик дар душвортарин шароиту лаҳзаҳо барои ҳифзи истиқлоли давлатӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, таъмин намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бузург гузоштанд.

Имрӯзҳо низ ҷавонони далеру ватандӯсти тоҷик ба хотири ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, суботу оромӣ, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳимояи зиндагии осудаи мардуми тоҷик дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар содиқона хизмат карда истодаанд.

Ҷавонони мо имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа – илму маориф, тандурустиву фарҳанг, омӯхтан ва истифодаи техникаву технологияҳои пешрафта, соҳибкориву саноат, кишоварзиву энергетика ва хизмати давлатӣ фаъолияти назаррас доранд.

Саъю талоши онҳо, ҳамчунин, барои рушди варзиш ҳамчун омили муҳимтарини пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ кардани Тоҷикистони азизамон қобили таҳсин мебошад.

Ҳукумати мамлакат барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба тарбия, таҳсил, кору фаъолият ва истироҳату фароғати ҷавонон, яъне фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои онҳо тамоми иқдомоти зарурӣро амалӣ гардонида истодааст.




## СОҲИБОНУ СОЗАНДАГОНИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ ҶОМЕА

Аз ҷумла тавассути қабул ва амалӣ намудани қонунҳо дар самти кор бо ҷавонон ва варзиш, татбиқи самараноки Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои давлатӣ дар самти кор бо ҷавонон ва варзиш заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии рушди соҳа фароҳам гардидаанд.

Таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти мамлакат, Шӯрои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, бунёд ва ба истифода додани марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, бунёди ҳазорҳо муассисаи таълимии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ ва даҳҳо ҳазор иншооти муҷаҳҳазу замонавии варзиш аз ҷумлаи ҳамин иқдомот ба ҳисоб мераванд.

Тавре ки қаблан низ гуфта будам, бо мақсади фароҳам овардани шароити ҳарчи беҳтар барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ҳоло дар соҳаи маорифи кишвар 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард.

Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст.

Имрӯз дар кишвар 153 литсейи касбҳои техникӣ, коллеҷҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ бо 141 ҳазор хонандаву донишҷӯ фаъолият дорад.

Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд.

Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони боистеъдоди мо дар беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олии 42 давлати пешрафтаи ҷаҳон таҳсили илм доранд.

Ҳамаи иқдомоти зикршуда дастгириву ғамхории давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири соҳиби илму донишҳои муосир ва касбу ҳунарҳои замонавӣ гардонидани ҷавонони кишвар мебошанд.

Сиёсати ҷавонгардонии кадрҳои хизмати давлатӣ, таъсиси квотаву стипендияҳои президентӣ, Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман!», «Илм фурӯғи маърифат» ва чорабиниҳои дигар ҳама гувоҳи ғамхориву таваҷҷуҳи доимии давлат ва Ҳукумати мамлакат ба наврасону ҷавонон – наслиояндасози ҷомеа мебошад.

Боиси қаноатмандиву ифтихор аст, ки ҷавонони мо бо дарки масъулияти сиёсиву иҷтимоии худ дар назди давлат ва ҷомеа барои пешрафту ободии Ватани худ бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва бо иттиҳоду сарҷамъӣ заҳмат мекашанд.

Бо мақсади рушди илмҳои дақиқ, густариши тафаккури навоварӣ ва истифодаи васеи технологияҳои муосир мо солҳои 2020 – 2040-ро «Солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», солҳои 2025 – 2030-ро «Солҳои рушди инноватсия ва иқтисоди рақамӣ» эълон намудем.

Дар ин раванд, аз ҷавонони созандаи Ватан умед дорем, ки бо омӯхтани илму донишҳои муосир, дар навбати аввал, илмҳои дақиқ ва риёзӣ, эҷодкориву ихтироъкорӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва ташаббускорӣ дар амалӣ сохтани ин ҳадаф низ саҳми арзанда мегузоранд.

Ҷавонони мо, ки дар фазои истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ камол ёфтаанд, бояд Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дастовардҳои онро чун неъмати бузургтарини миллати тоҷик ҳифз карда, бо кору амали созандаи худ Ватани маҳбуби хешро боз ҳам ободу пешрафта гардонанд.

Вазъи бисёр ноороmu бесуботи ҷаҳони муосир, аз ҷумла бархӯрди тамаддунҳо, пеш аз ҳама, ба зеҳну шуур ва мафкураи наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад.

Дар чунин марҳала ва шароити ҳассос шумо – фарзандони Тоҷикистони соҳибихтиёр бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошед, забон, таърих, фарҳанг, расму ойинҳо ва дигар арзишҳои миллиро доим гиромӣ доред, ҳаргиз ба бегонапарастӣ роҳ надиҳед ва дар хотир дошта бошед, ки дар ҳимояи манфиатҳои миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ҳар яки шумо низ масъулият доред.

Шумо – ҷавонони азиз, ки созандагони фардои дурахшони Тоҷикистон ва сутуни боэътимоди давлату миллат ҳастед, ҳисси баланди миллӣ дошта бошед, Ватани маҳбуби худро сидқан дӯст доред, онро содиқона ҳифз намоед ва ифтихор намоед, ки фарзандони яке аз миллатҳои бостонӣ ва соҳибфарҳангу тамаддунсози дунё ҳастед.

Ман ба ақлу заковат, худогоҳиву худшиносӣ, далериву шуҷоат, ғайрату матонат ва неруи зеҳниву ҷисмонии шумо – фарзандони даврони истиқлоли Тоҷикистон эътимоди комил дорам.

Бовар дорам, ки шумо анъанаҳои ватандӯстиву ватандорӣ ва созандагиву бунёдкории халқамонро идома бахшида, Тоҷикистони азизамонро ободу пешрафта мегардонед ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоред.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҷавонону наврасони кишварро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустӣ, иқболи нек ва дар кору фаъолияти созандаатон ба хотири пешрафти Ватани азизамон барору комёбиҳо орзу менамоям.

Рӯзи ҷавонон муборак бошад, фарзандони хушиқболи Ватан!

# Рустами Эмомалӣ дар маросими таърихии нахустин таҷлили Рӯзи ҷаҳонии футбол

22 май Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маросими таърихии нахустин таҷлили Рӯзи ҷаҳонии футбол, ки дар Қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Боиси таъкид аст, ки маҳз бо пешниҳоди Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) муҳтарам Рустами Эмомалӣ санаи 7 майи соли 2024 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо қатъномаи махсуси худ рӯзи 25 майро ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футбол эълон намуд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суханронии худ изҳор доштанд, ки 25 май аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футбол эътироф карда шуда, арзишҳои меҳварии футбол, аз қабили бозии одилона, фаъолияти дастҷамъӣ ва эҳтироми ҳамдигарӣ бо усулҳои фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид ҳамсон мебошанд.

Таъкид гардид, ки таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон тайи солҳои охир ба рушди футбол таваҷҷуҳи хос нигаронида мешавад.

Дар ин самт амалисозии Стратегияи рушди футболи миллӣ то соли 2026 заминаҳои мусоиди густариши футболи ҷавонон, рушди инфрасохтор, баланд бардоштани сатҳи лигаҳои касбӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаро дар мамлакат фароҳам оварда истодааст.

Аз пешравию комёбиҳои дастаҳои миллӣ ва мунтахаби ҷавонону наврасони мамлакат дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Ҳамзамон, ҳамкории босамари Федератсияи футболи Тоҷикистон бо Федератсияи байналмилалии футбол (ФИФА), аз ҷумла дар самти татбиқи барномаҳои байналмилалӣ оид ба рушду маъмулгардонии футбол назаррас арзёбӣ гардид.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои пешбурди муштараки ташаббуси болозикр ба ҷонибҳои Шоҳигарии Баҳрайн ва Давлати Либия ва ба кишварҳои ҳаммуаллифи қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Рӯзи ҷаҳонии футбол, инчунин, барои дастгирию ҳамкориҳои судманд ба Президенти ФИФА Ҷанни Инфантино изҳори миннатдорӣ намуданд.




Дар охир муҳтарам Рустами Эмомалӣ изҳор доштанд, ки Рӯзи ҷаҳонии футбол васила мудҳимми тарғиби варзиш ва пешбурди ҳадафҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба таҳкими сулҳ, ваҳдат ва рушди устувор гардида, Федератсияи футболи Тоҷикистон омода аст, ки дар раванди фарогиртар ва таъмини дастрасии футбол бо Федератсияи байналмилалии футбол, Созмони Милали Муттаҳид ва тамоми ҷонибҳои ҳавасманд ҳамкории густурда дошта бошад.

АМИТ «Ховар»

# Ҷавонмардони асил ба воя мерасанд

Ба таъкидҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъияти ҷаҳони муосир чӣ қадар ҳассос гардида, раванди азнавтақсимкунии дунё, ярқнокшавии бошитоб ва марҳалаи нави «ҷанги сард» рӯз аз рӯз шиддат мегирад ва касе пешгӯӣ карда наметавонад, ки фардо чӣ мешавад. Дар чунин шароити ниҳоят мураккабу хатарзо мо бояд нагузорем, ки шаҳрвандон ва фарзандонамон бозичаи дасти гурӯҳу қувваҳои манфиатҷӯй гарданд.

Зимнан, яке аз тадбирҳои муассире, ки метавонад садди қавӣ дар роҳи гаравидани ҷавонон ба гурӯҳу ҳаракатҳои харобкору даҳшатафкан гардад, ин аз ҷониби волидайн ихтиёран гусел кардани фарзандон барои хизмати ҳарбӣ ба сафи Артиши миллӣ мебошад. Зеро хизмати аскарӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат манфиатҳои зерин дорад:

— Фарзанд баробари ворид шудан ба хизмати аскарӣ таҳти ҳимояти Артиши миллӣ қарор мегирад. Тамоми санаду қонунҳои марбут ба хизмати ҳарбӣ пурра ба ҳимояи тану ҷону қадру манзалат ва мавқеи иҷтимоии сарбоз равона шудаанд. Дар ин маврид рисолати асосии артиши миллиамон тарбия намудани ҷавонон дар руҳияи ҷавонмардӣ, доштани ахлоқи ҳамида, ҷасуру ғаюр будан, ҳарос надоштан аз ягон хавфу хатар, омода будан дар роҳи ҳимояи манфиатҳои Ватан ва миллат мебошад. Баҳри расидан ба ин ҳадафҳо наваскарон ба таълиму тарбияи тарҳрезишуда фаро гирифта мешаванд. Шурӯъ аз хобу хӯр, то омӯзиши тиру камон, тарзи истифодаи дурусти он, гирифтани маълумоти зарурӣ, огоҳ будан аз вазъи ҷаҳони муосир, аз худ намудани касбу ҳунари иловагӣ, донишҳои замонавӣ пурра танзим шуда, вобаста ба талаботи замон мунтазам мукаммалу муассир карда мешаванд. Ба ифодаи дигар, Артиши миллӣ аз як ҷавони навхати бетаҷриба ҷавонмарди асил ба воя расонида, пешкаши ҷомеа мекунад.

— Табиист, ки бо қарор доштан дар сафи Артиши миллӣ ҷавонон пурра аз хатари гирифтор шудан ба таълимоти бардурӯғу ташвиқоти зараровари гурӯҳҳои террористӣ эмин мемонанд. Ҳамчунин онҳо вақти қиматашонро дар сомонаҳои бефоидаи иҷтимоӣ барбод намедиҳанд, бо таълимоту тасаввуроти бегона ошно намешаванд. Баръакс, бо донишу фаҳмиши замонавӣ ва муосир аз наздик шинос мегарданд. Мавриди гуфтан аст, ки ҳузури ҳар сарбоз дар ҷойи хизмат ҳам саҳару ҳам вақти хоб санҷида мешавад. Яъне ӯ имкон надорад, ки бе иҷозат аз макони хизмат берун равад ва худро зери хатар гузорад. Гуфтан ҷоиз аст, ки маҳз дар синни даъвати аскарӣ (аз 18 то 27- солагӣ) баъзе ҷавонони ноогоҳ осебпазир ҳастанд, дар онҳо хислати зудбоварӣ бештар эҳсос мешавад, онҳо ба панду насиҳати дорои хусусияти динӣ зуд дода мешаванд. Дар хизмати аскарӣ будан яқинан ҷавононро аз хатари печидан ба тори анкабути террористон нигаҳ медорад.

— Омили дигаре, ки аз манфиати дар хизмати ҳарбӣ қарор доштани ҷавон дарак медиҳад, ин аст, ки ӯ дар натиҷаи машқу тамринҳои ҷисмониву ҳарбӣ ва дарсҳои тахассусӣ хислатҳои сабру тамкин доштан, таҳаммулпазир будан, худро идора карда тавонистан, ба эҳсосот дода нашудан, ба вазъият баҳои воқеӣ доданро аз худ мекунад ва ё ҳадди ақал аз ин хислатҳои инсонӣ огоҳӣ пайдо мекунад. Бар илова дӯстони нав аз гӯшаву канори мамлакат пайдо мекунад, бо хусусияти хоси мардумони минтақаҳои зебои Тоҷикистон ошно мешавад.

Дар қатори ин манфиатҳо ва ё бартариҳое, ки ёдрас кардему ҷавонони дар хизмати ҳарбӣ буда аз онҳо баҳравар мешаванд, муҳимтаринаш гирифтани сабақи ҷанг ва ё омӯхтани ҳунари ҳарб кардан аст. Ҷаҳони имрӯза, муносибатҳои байнидавлатӣ ва вазъияти минтақаву ҷаҳон пешгӯинашаванда боқӣ мемонад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва маҳфилҳои мухталиф аксарият аз ватанхоҳиву ватанпарастӣ ва ватандӯстдорӣ ҳарф мезананд, аммо дар сурати ба вуқӯъ пайвастани амалҳои ҷангӣ на ҳамаи онҳо ба даст силоҳ гирифтаву сина сипар карда, ҷони худро ба хатар гузошта, ба майдони ҷанг мераванд. Дар ҳамин маврид маҳз он ҷавононе, ки хизмати ҳарбӣ ба ҷо овардаанд, барои Ватану миллат, давлату халқ даркор ҳастанд.

Дар замони имрӯза ҷавонони навхати дар аскарӣ буда ба ҷанг фиристода намешаванд, зеро онҳо таҷрибаи кофӣ надоранд инсофу виҷдон иҷозат намедиҳад, ки ҷони онҳо ба хатар гузошта шавад. Бинобар ҳамин ҷавонони аз артиш рухсатшуда ва дар эҳтиёт буда бо шарту шартномаи хосса ба амалиёти ҷангӣ фиристода мешаванд. Яъне онҳое, ки имрӯз ба хизмати аскарӣ мераванд, таҷрибаи гирифтани силоҳу истифодаи онро аз худ мекунанд, пагоҳ дар вақти ҷанг ҷони додарони худро меҳаранд. Ин силсилаи ҷалби ҷавонон ба хизмати аскарӣ имкон медиҳад, ки ҳама ҷавонони мамлакат баҳри ҳифзи манфиатҳои давлат давра ба давра, саросар ва огоҳона омода бошанд.

Тавре ки Вазорати мудофиаи мамлакат иттилоъ медиҳад, танҳо дар даҳ рӯзи аввали даъвати навбатии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон 20 шаҳру ноҳияи мамлакат (Рашт, Сангвор, Лахш, Нуробод, Тоҷикобод, Вахш, Фархор, Хуросон, Муъминобод, Носири Хусрав, Норак) нақшаи даъват ба хизмати ҳарбиро пурра иҷро кардаанд, ки беш аз 50 фоизи нақшаро дар тамоми мамлакат дар бар гирифтааст.

Имрӯз ҷавононе, ки маълумоти олӣ гирифтаанд, ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ворид мешаванд ва барои дигарон намунаи ибрат мебошанд. Зеро ҷавонони донишҷӯ ва ҳамчунин ҷавонони огоҳ ба дурустӣ дарк кардаанд, ки мухолифони давлату миллати тоҷик бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ бо даъватҳову фатвоҳои бардурӯғ ҷавонони ноогоҳро ба сафи гурӯҳҳои даҳшатафкан ҷалб мекунанд. Он ҷавонони ноогоҳ худро ба вартае мезананд, ки он ҷо на об асту на ободонӣ, на шиками сер асту на сару либоси тозаву пероста, на шароити одии зиндагӣ ҳасту на муомилаву муносибати инсонӣ, балки гуруснагӣ, ифлосӣ, сарсонӣ, пинҳон будану пинҳон вуҷуд доштан, на зану на фарзанд, на падару на модар, на хоҳару на бародар, на оиладаву на фардои дигар- ин аст интихоби бешууронаи онҳо. Анҷоми кори ин ҷавонони ноогоҳи ба доми гурӯҳҳои террористӣ афтода худро инфиҷор кардану кушта шудан ва ё дастгир гардидану як умр аз озодӣ маҳрум будан аст…

Он ҷавононе, ки дар хобгоҳҳои муҷаҳҳазу замонавӣ, дар равшаниву гармӣ, бо сару либоси тоза, шикам сер, оиладаву фардои равшан, мукотиба бо падару модар, пайвандон таҳти ҳимояи давлату ҷомеа ва қонун хизмат мекунанд, пурра дарк кардаанд, ки пайвастан ба сафи гурӯҳҳои хатаровару даҳшатафкан роҳ ба сӯи нобудӣ асту бас.

Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла дар паёми шодбошӣ ба ифтихори Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 феврали соли 2024 изҳор намуда буданд, ки «вазъи ҷаҳон торафт мураккаб бӯҳронӣ гардида, раванди азнавтақсимкунии дунё, ярқнокшавии бошитоб, марҳалаи нави «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир — терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ торафт шиддат гирифта истодааст. Яъне вақтҳои охир инсонияти ба марҳалаи ниҳоят ҳассосу хатарноке ворид шудааст, ки таърих чунин давраро ёд надорад. Дар чунин шароит ҳар шаҳрванди огоҳи ҷомеа, дар навбати аввал, хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор ҳастанд, ки хушёрии сиёсиро аз даст надода, ба хотири ҳимояи неъмати бузурги зиндагии халқамон — истиқлолу озодӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, сулҳу суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ кӯшиш намоянд».

Воқеан ҳам, сари вақт ва бо сифати хуб иҷро шудани нақшаи даъвати наваскарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон нишонаи он аст, ки ҳар шаҳрванди мамлакат худро дар ҳифзи манфиатҳои давлату миллат масъул медонад. Мо ҳуқуқ дорем, ки аз ин масъулиятшиносии шаҳрвандии сокинони мамлакат ифтихор намоем.

АМИТ «Ховар»

# ИҚТИБОС
# аз суханрониҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи ҷавонон

*23 майи соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавони Тоҷикистон мулоқот намуда, фармон «Оид ба баъзе масъалаҳои беҳтар кардани кор бо ҷавонон»-ро ба имзо расониданд. Маҳз ҳамин рӯзи таърихӣ сабаб шуд, ки 23 май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон гардад. Ҷавонон ворисони арзандаи халқу миллат ва созандагони имрӯзу фардои ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд.*

***

*-Мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз намоям, ки Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст ва бо назардошти саҳм ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат дар сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон ҷойгоҳи афзалиятнок доранд.*

***

*Мо бо ҷавонони мамлакати худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.*

***

*Мо ҷавононро неруи созандаю бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ваояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя менамоем.*

***

*Бо назардошти ин, Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз ба рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷисмонии ҷавонон эътибори аввалиндараҷа зоҳир намуда, барои дар руҳияи баланди ватандӯстӣ, илму ҳунаромӯзӣ тарбия ёфтани ҷавонон, азхуд кардани техника ва технологияҳои муосир тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд.*

***

*Мо аз ҷавонони мамлакат умеди калон дорем, ки вақтро ғанимат шуморида, ба хотириояндаи неки Ватан ва пешрафти давлати соҳибистиқлол омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, забонҳои хориҷӣ ва азхуд кардани техникаю технологияҳои навтаринро вазифа ва мақсаду мароми ҳаррӯзаи худ қарор медиҳанд.*

*Шумо – ҷавонони саодатманд, киояндасозони ин Ватани биҳиштосо ва фардои Тоҷикистони азизу маҳбубамон мебошед, метавонед дар ҷаҳони пуртазоди муосир Тоҷикистони соҳибистиқлол ва манфиатҳои давлату миллатро ҳифз кунед, сарзамини аҷдодиро боз ҳам ободу зебо гардонед ва қарзи фарзандию рисолати шаҳрвандии худро дар назди Модар – Ватан сарбаландона иҷро намоед.*

***

*Мо ифтихор дорем, ки имрӯз ҷавонони далеру ғаюри мо, яъне насли замони истиқлол дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат карда, қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии хешро сарбаландона иҷро мекунанд, масъулияти ҳимояи марзу буми мамлакат ва ҳифзи амнияти давлату миллатро ба дӯш доранд, Ватан, миллат, забон ва фарҳанги миллии хешро самимона дӯст медоранд ва барои пойдории ин арзишҳои ҷовидонӣ саъю талош менамоянд.*

***

*Дар замони муосир танҳо кишварҳое ба дастовардҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа муваффақ мегарданд, ки ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи зарурӣ дода, имконияти фаровони зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳоро ба самти дурусту созанда равона менамоянд.*

***

*Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки оиладорӣ на танҳо анъана, балки масъулият, муоширaт, эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ аст.*

***

*Бо шуғли доимӣ таъмин кардани ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Дар ин самт мо бояд тадбирҳои иловагӣ андешида, фоизи қувваи кориро аз ҳисоби ҷавонон боз ҳам баланд бардорем.*

***

*Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо боварии бузург дорем, бо онҳо ифтихор менамоем, зеро онҳо воқеан соҳибону бунёдгарониояндаи Ватан ва идомадиҳандагони фаъолияти созандаи мо ҳастанд.*

***

*Имрӯз ҷавонони мо такягоҳи воқеӣ, умед ва ифтихори ҷомеа ва давлати Тоҷикистон ба шумор меравaнд.*

## Маҳорат- шарти мусобиқа



Бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмил додани маҳорату малакаи ҷангии ҳайати шахсӣ, байни афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбӣ мусобиқаи тирпарронӣ аз силоҳи гуногуни оташфишон баргузор гардид. Дар мусобиқаи мазкур, ки як навъ санҷиши қобилияти ҷангӣ ва маҳорати тирпаронии ҳайати шахсӣ мебошад, афсарону сарбозон аз қисмҳои ҳарбӣ дар ҳайати даста қувваозмоӣ карданд. Яъне дар ҳайати дастаҳо беҳтарин нишонгирон сарфи назар аз рутба, вазифа ва синну сол рин ва риояи қоидаҳои асосӣ на ба ҳама даст медиҳад. Хизматчиёни ҳарбӣ дар ин мусобиқаи тирпаронӣ ҳамаҷониба маҳорату малакаи хешро истифода намуданд. Тирпарронӣ аз силоҳи калонқутри мерганӣ ва навъҳои пулемёт бошад, бо истифодаи дигар воситаҳои техникӣ маҳорату малакаи хосро талаб мекунад. Хизматчиёни ҳарбие, ки дар тирпаронии ин намуди силоҳ дастболо шуданд аз ҳунару маҳорат ва машқу тамрин ва таҷрибаи касбии худ миннатдоранд. Зеро бе такрору машқҳои пайваста дар иҷрои ин амалҳо маваффақ шудан кори саҳл нест. Аз тарафи дигар маҳо-



иштирок доштанд. Мусобиқаи мазкур дар Маркази милии таълимӣ оид ба мубориза бо терроризм ва маводи мухадири Гвардияи миллӣ гузаронда шуд. Ҳайати ҳакамон аз ҳисоби афсарони ботаҷрибаи раёсати тайёрии ҷангии фармондеҳӣ интихоб гардида, шартҳои асосии мусобиқаро назорат ва ҳам баҳогузорӣ намуданд.

Тирпарронӣ аз туфангчаи макаров ва автомати калашников дар назари аввал осон ва барои ҳама дастрас намояд ҳам вале нишонрасии аълову беҳтарати тирпаронӣ сабру таҳаммул, дақиқкориву нуктасанчиро тақозо дорад. Дар мусобиқаи тирпаронӣ аз силоҳи мерганӣ хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои таъиноти махсус комёб гардиданд. Ҳамин тариқ, аз руи холҳои бадастовардаи ҳайати дастаҳо ҷойи аввал насиби қисми ҳарбии 051063 ва ҷойҳои дуюму сеюмро қисмҳои ҳарбии 051056, ва 051057сазовор гардиданд. Ғолибони мусобиқаҳои тирпаронӣ бо тӯҳфаҳои арзанда қадрдонӣ шуданд.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА




## Тасарруфи барқ ҷиноят аст



Дар асоси тағйиру иловаҳои нав ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз ҷумла, барои дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи барқ, инчунин истифодаи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шуда, барои он ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи аз 365 нишондиҳанда (27 ҳазору 375 сомонӣ) то 547 нишондиҳанда (41 ҳазору 025 сомонӣ) барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол таъйин карда мешавад.

Шаҳрвандонро мебояд талаботи қонунгузориро қатъиян риоя намуда, аз истифодаи ғайриқонунии неруи барқ худдорӣ намоянд.

## Таҳлили вазъи ҳуқуқӣ



Санаи 21-уми майи соли равон дар доираи нақша-чорабиниҳои дуҷониба байни коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар толори қисми ҳарбии 051055 бо ҳайати афсарони фармондеҳӣ ва қисмҳои ҳарбии 051052, 051054 051055 ва 051064 вохурӣ доир карда шуд. Дар вохурӣ намояндагон аз коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ –тарбиявӣ иштирок ва суханронӣ намуданд. Судяи коллегияи ҳарбии Суди Олӣ полковники адлия Маҳмадзода Хуршед зимни ироаи маърӯзаи хеш доир ба ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ, сабабу омилҳо ва шароити содиршавии ҷиноятҳо маълумоти муфассал дод. Инчунин, аз ҷониби дигар намояндагони коллегияи ҳарбӣ вобаста ба ҳолати пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар хизмати ҳарбӣ ибрози андеша карда шуд.

Полковники гвардия Собириён Муҳаммаднаим дар раванди мулоқот зикр намуд, ки бо хизматчиёни ҳарбӣ, хусусан наваскарон аз тарафи шахсони муттасадӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва мунтазам суҳбатҳои фардӣ гузаронда шавад. Мақсади ин вохӯрӣ дар он аст, ки ҳолати рӯҳиву равонӣ ва устувории онҳо дар хизмати ҳарбӣ муайян карда шавад.

Дар охир таъкид шуд, ки дар кори таълиму тарбия, баланд бардоштани донишу маърифати ҳуқуқии сарбозон ва пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳо мебояд, ки сержантон, афсарон ва командирони ҷузъу том боз ҳам кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Майори гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ



## Санҷишҳо идома доранд

Аз 18 май то 5 июни соли 2025 дар Гвардияи миллӣ санҷиши маҷмӯи ҷамъбасти фаъолияти қисмҳои ҳарбӣ дар нимсолаи якуми соли хониши 2025 идома меёбад. Чорабинии мазкур дар асоси «Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ» ва бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши ҳайати шахсӣ оид ба омодабошии ҷангӣ ва сафарбарӣ, тайёрии ҷангӣ, хизмати ҳарбӣ, тайёрии давлативу ҷамъиятӣ, ҳолати интизоми ҳарбӣ, таъминот ва ҳолати аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва таъминоти ақибгоҳӣ дар қисмҳои ҳарбӣ гузаронда мешавад.

Барои гузаронидани санҷиши мазкур ду гурӯҳи комиссия аз ҳисоби афсарони болаёқати раёсату шуъбаҳои фармондеҳии Гвардияи миллӣ ташкил карда шуд. Дар ҳайати комиссияҳо намояндагони ҳама самтҳои хизмати ҳарбӣ шомил ҳастанд. Комиссияи якум таҳти роҳбарии полковники гвардия Давлатзода Талбидагӣ Халифа, муовини фармондеҳ оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус ва комиссияи дуюм таҳти роҳбарии генерал-майори гвардия Самарзода Қиёмиддин Шароф, муовини фармондеҳ оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ фаъолият менамояд.

## Зуҳуроти номатлуб ва даҳшатфикан

Терроризм ва экстремизм падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тӯли таърих ҳамроҳӣ намудаанд. Ҳоло касе гуфта наметавонад, ки якумин амалиёти террористӣ кай ва дар куҷо ва бо кадом мақсад сар задааст. Мафҳуми “терроризм” аз калимаи лотинӣ “teror” сарчашма гирифта, мазмуни даҳшат, ваҳм, воҳима, хавф, офат, тарс, ҳарос таҳдидро дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳануз 14 апрели соли 2000 дар Конфронси Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Вена оиди «Мубориза бар зидди ҷиноятҳои трансмиллӣ» қайд намуда буданд: “Аз замоне, ки Тоҷикистон соҳиби истиқлолият шуд, дар тадбирҳои муштараки мубориза алайҳи хавфи афзояндаи ҷиноятҳои трансмиллӣ оид ба терроризм ва гардиши маводи мухаддир фаъолона ширкат меварзад”.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ комёб шудааст ва бо роҳи эъмори давлати демократӣ, дунявӣ ва иқтисоди бозоргонӣ пеш меравад. Андешаҳои экстремистӣ ва зуҳури амалҳои террористӣ аз ҷониби гурӯҳҳои бадхоҳ ба пешрафт, сулҳу оромии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, ҷараёни бонизоми давлатдориву давлатсозиро халалдор мекунад. Терроризм яке аз зуҳуроти асосии ҷиноятҳои муташаккилона мебошад.

Таҳлили сабабу омилҳои содир шудани амалиёти террористӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакати мо нишон медиҳад, ки аксарият заминаи экстремизми динӣ дошта, ба хотири расидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ содир шудаанд. Ашхоси шинохта, ходимони сиёсӣ, олимон, нерӯҳои ҳомии сулҳ, рӯзноманигорон, хизматчиёни давлатӣ ҳадафи сӯиқасд қарор гирифтанд. Албатта, ин ақидаву амалкардҳо маҳсули зеҳну фарҳанги миллати тоҷик набуда, балки таъсири душманони миллат аз хориҷи кишвар буд ва тарҳи пешакӣ омодашуда зина ба зина амалӣ мешуд. Ҳамин ки авзои ҷамъиятию сиёсӣ муташанниҷ гардид, тундравони мазҳабӣ ва террористон ба қатли намояндагони илму фарҳанг, ходимони давлативу дин, ғорати молу мулки онҳо, тахриби даҳҳо корхонаю ташкилот, муассисаҳои фарҳангӣ даст заданд. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Ҳувайдуллоев, академик М. Осимӣ, вакилони парлумони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Назаршоев, А. Олимов, С. Кенҷаев, М. Шералиев, олимони шинохта Ю. Исҳоқӣ, М. Ғуломов, муовини сарвазири ҷумҳурӣ И. Назриев, хабарнигорони шинохта М. Олимпур ва Д. Раҳмоналиев ва дигар чеҳраҳои шинохтаи кишвар аз дасти террористон ба қатл расиданд. Ҷанги шаҳрвандӣ, кӯштори одамони бегуноҳ ва ба вартаи нобудӣ расондани миллат зинаи охир ва мақсади асосии экстремистону террористон буд, ки хушбахтона, амалӣ нашуд.

Ҳодисаву воқеаҳои охир далели он аст, ки террористони байналмилалӣ зери ливои экстремизми сиёсӣ ва таассуби динӣ таҷовузкорона ва фаъолона амал мекунанд.

Боиси таассуф аст, ки ҷомеаи ҷаҳон то ҳол дар бораи мафҳуми терроризм хулосаи ягона набаровардааст. Маҳз дар чунин шароит баъзе давлатҳо дар қаламрави худ ба терроризм муқобил баромада, ҳамзамон терроризми байналмилалӣ дар мамлакатҳо ва минтақаҳои дигар ба ин ё он восита дастгирӣ ёфта, террористонро муборизони роҳи озодӣ ва ҳуқуқи инсон қаламдод карданӣ мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30-юми апрели соли 2001, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳиме, ки дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва умуман ҷомеа истодааст, мубориза бар зидди ҳама гуна қонуншиканӣ ва пеш аз ҳама ҷинояткории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизм ва ҳама навъҳои зуҳуроти он мебошад.




Таҳким ёфтани суботи ҷамъиятию сиёсӣ ва корҳои анҷомдодаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бобати иҷрои фармон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин гузаронидани дигар чорабиниҳои муайян, ки ба мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ натиҷаҳои мусбат дода истодаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 3 апрели соли 2008 дар сесияи Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, ки дар шаҳри Ню-Йорки ИМА баргузор гардид, дар баромади худ чунин қайд намуданд: «Имрӯз шоҳиди он гардидааст, ки чӣ гуна терроризми байналмилалӣ амалиёти таҷовузкоронаи худро таҳти ливои сиёсии моҷароҷӯӣ ва таассуби динӣ амалӣ мегардонад. Тоҷикистон нуқтаи назари онро, ки мубориза бар зидди терроризм, яке аз проблемаҳои муҳимтаринест, ки имрӯз инсоният дучори он гаштааст, дастгирӣ менамояд. Мо терроризмро дар тамоми шаклҳо ва зуҳуроташ маҳкум карда, мутобиқати амали ҳамаи ҷомеаи ҷаҳонро оид ба решакан кардани он дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ зарур меҳисобем».

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ҳамаҷониба ҳифз менамояд ва мубориза ба муқобили терроризм ва пешгирӣ намудани ин ҷиноятро яке аз вазифаҳои асосии худ медонад.

Барои мубориза бар зиди терроризм бояд ҳамаи давлатҳо мувофиқи шартнома якҷо амал намоянд, барои он ки дар давраи муосир ин масъалаи умумиҷаҳонӣ мебошад. Мо бояд бар зидди зуҳуроти номатлуб ва даҳшатфикани аср, аз ҷумла қонуншиканӣ, ришвахӯрӣ, зӯроварӣ нисбати шаҳрвандон, хариду фурӯши одамон, терроризм ва экстремизм, ки садди роҳи пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ мегарданд, муташаккилона мубориза барем.

Подполковники гвардия
Шӯҳрат САТТОРЗОДА

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Ёқубҷон Султонализода хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха